# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.**

*01 июли соли 2023* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: Дустбоев Ш., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Раҷабов Р.К., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – узви комиссия; Аминов И., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич **хулосаи** зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 25-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич, 06 октябри соли 1973 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 1995 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои савдо ва хӯроки омма хатм кардааст. Солҳои 1995-1998 ҳамчун ассистенти кафедраи менеҷмент ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатию кооперативии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 1998-2003 ассистент, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кор кардааст.

Солҳои 2004-2006 дар вазифаи муовини декани факултети иқтисодиёт ва менеҷмент оид ба тарбия ва солҳои 2006-2013 ҳамчун мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 2013-2018 вазифаи декани факултети иқтисодиёт ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро ба уҳда дошт.

Аз ноябри соли 2018 то ҳол ба ҳайси мудири кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Мирзоалиев А.А. 05 апрели соли 2005 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Мониторинги низоми идоракунии муносибатҳои иҷтимой-иқтисодӣ дар шароити бозор» аз руйи ихтиоси иқтисодиёти меҳнат зери роҳбарии доктори

илмҳои иқтисодӣ, профессор Нурмаҳмадов Мирмаҳмад бомувафақият ҳимоя намудааст.

18 марти соли 2009 ба унвони илмии дотсенти кафедраи менеҷмент мушарраф гадидааст.

Мавзӯи диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ аз 06 марти соли 2019, протоколи № 9 тасдиқ гардидааст.

**Мушовири илмӣ:** Шаропов Фарҳод Разоқович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

## *II. Мутобиқати мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси рӯи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат ба ихтисоси илмие, ки аз рӯйи он ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 4. Тавсифи миқдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатӣ. Сармояи инсонӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

## *III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 72 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 то монография (2 то ҳаммуалифӣ), 41 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

### *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси рӯи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Комилов Сироҷиддин Ҷалолидинович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;
- Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- Шамсов Илёсҷон Сафарович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таъин карда шавад.
3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.
5. Рӯихати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор Дустбоев Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.

д.и.и., дотсент Аминов И.